«Мувофиқа шуд»
Вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
__________С.Наҷмиддинов
аз «21» ноябри соли 2012
№3-12а/4

«Тасдиқ карда шудааст
Бо Фармоиши
Кумитаи андози назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «23» ноябри соли 2012
№9-Ф

# ДАСТУРАМАЛ
## дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо барои захираҳои табиӣ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамали мазкур мувофиқи қисми 8 моддаи 219 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Кодекси андоз) таҳия шуда, тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо барои захираҳои табииро муайян менамояд.

2. Андозҳо барои захираҳои табиӣ инҳоро дар бар мегиранд:

а) андозҳо аз истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ:

- бонуси обунавӣ;
- бонуси кашфи тиҷоратӣ;
- роялти барои истихроҷ;

б) роялти барои об.

3. Тамоми намудҳои бонусҳо ва роялти барои захираҳои табиӣ барои мақсадҳои андоз аз фоида аз даромади умумӣ тарҳ карда мешаванд.

## 2. СУПОРАНДАГОН

4. Супорандагони пардохтҳои махсуси истифодабарандагони захираҳои табиӣ ва (ё) роялти барои об шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки амалиётро оид ба истифодаи захираҳои табиӣ ва обро барои истеҳсоли нерӯи барқ истифода бурда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд.

## 3. МУҚАРРАР НАМУДАНИ НИЗОМИ АНДОЗ ДАР ҚАРОРДОДҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ САРВАТҲОИ ЗЕРИЗАМИНӢ

5. Низоми андоз, ки барои истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ муқаррар карда мешавад, дар қарордод оид ба истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ байни истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ ва мақоми ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон басташаванда, муайян карда мешавад.

6. Масъалаи бастани қарордодҳо оид ба истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ ҳангоми коркарди мавзеъҳои тавлиди канданиҳои фоиданок

мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шудааст.

7. Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани озмун барои ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминиро мақомоти иҷроияи иҷозатномадиҳӣ (литсензиядиҳӣ) – Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд.

8. Ҳангоми истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ бе бастани қарордод андозҳо барои сарватҳои зеризаминӣ (бонусҳо ва роялти барои истихроҷ) барои ҳамаи давраи чунин фаъолият ва ё бо мақсади соҳибкорӣ коркард намудани канданиҳои фоиданоки ҳамрадиф ва дигари дар қарордод пешбининашуда, истифодабарандаи қаъри замин доир ба онҳо то ворид намудани тағйирот ба қарордод бояд бо меъёри 3–каратаи муқаррарнамудаи Кодекси андоз пардохт карда шуда, минбаъд истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида шавад.

***Мисол:*** *ҶДММ «Амон» дар ноҳияи Рӯдакӣ қуму шағал истихроҷ менамояд, вале бо мақоми салоҳиятдор барои истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ қарордод набастааст. Дар ин маврид мақоми андоз бо ҷалби мутахассисон аз мақомоти дахлдори давлатӣ (Кумитаи ҳифзи муҳити зист, Вазорати энергетика ва саноат ва ғайра) бо мақсади андозбандӣ, ҳаҷми қуму шағали истихроҷшударо муайян намуда, дар асоси тартиби муқаррарнамудаи банди 8 ҳамин Дастурамал арзиши қуму шағали истихроҷшударо муайян менамояд.*

9. Тарзи пардохти андозҳо аз истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ, ки барои ҳар як истифодабарандаи қаъри замин дара соси Кодекси андоз пеш бинӣ шудааст, дар қарордоди истифодабари иқаъри замин, ки байнии стифодабарандаи қаъри замин ва мақоми ваколатдорнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баста мешавад, пешбини карда мешавад.

10. Баъд аз гирифтани иҷозатнома (иҷозат) дар мӯҳлати на дертар аз 3 моҳи тақвимӣ бояд қарордод байни истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ ва мақомоти салоҳиятдор баста шавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад мӯҳлати дигар пешниҳод намояд, яъне, метавонад мӯҳлати муайяншударо дароз ё кӯтоҳ намояд.

11. Дар ҳолате, ки бо як қарордод як чанд андозсупорандагон амал менамоянд, низоми андозбандии дар қарордод муқарраршуда барои ҳамаи онҳо ягона мебошад.

## 4. УСТУВОРИИ НИЗОМИ АНДОЗ

12. Ҳангоми тағйир ёфтани қонунгузорӣ дар соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, ки ба тартиби бастани қарордод барои истифодаи қаъри замин метавонад таъсир расонад, қарордодҳои барои истифодаи сарватҳои

зеризаминӣ бо дарназардошти тартиби тағйирдодашуда баста мешавад. Дар ин ҳолат қарордодҳои пештар ба имзорасида аз нав ба расмият даровarда мешаванд.

## 5. БОНУСҲО

13. Бонусҳо пардохтҳои устуворонаи яккаратаи истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ барои ба даст овардани ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар асоси иҷозатнома буда, дар шакли пулӣ, тибқи ҳаҷм ва тартиби дар қарордоди истифодаи сарватҳои зеризаминӣ омадапардохт кардамешаванд.

14. Истифодабарандагонисарватҳои зеризаминӣ, бонуси обунавӣ ва бонуси кашфи тиҷоратиро ҳисоб ва пардохт менамоянд.

15. Андозаи бонусҳо мувофиқи тартиби муайяннамудаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррар карда шуда, дар қарордоди истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ, дарҷ карда мешаванд.

### §1. Бонуси обунавӣ

16. Бонуси обунавӣ пардохти яккаратаи устувори истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ барои ҳуқуқи фаъолият ҷиҳати истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар ҳудуди қарордод мебошад ва ҳангоми бастани қарордод мувофиқи тартиби муайяннамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

17. Пардохткунандаи бонуси обунавӣ шахсе ба ҳисоб меравад, ки дар озмун ва ё музокирот ғолиб омада, иҷозатномаҳои зеринро соҳиб шудааст:
Иҷозатнома барои омӯзиши геологӣ ва ё барои истихроҷи сарватҳои зеризаминӣ.

18. Муқаррароти банди 14 дастурамал ба истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ, ки дар асоси ҳуқуқи истисноӣ барои истихроҷ вобаста ба кашфи тиҷоратӣ дар доираи иҷозатнома (иҷозат) барои омӯзиш дар ҳудуди дахлдор қарордод бастаанд, татбиқ намешавад.

19. Ҳаҷми бонуси обунавӣ барои ҳар як намуди фаъолият оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ алоҳида муқаррар карда мешавад.

20. Фаъолият оид ба истифодаи қаъри замин иборат аст аз:
- омӯзиши геологӣ, аз ҷумла ҷустуҷӯ, баҳодиҳӣ ва иктишофи конҳои маъданҳои фоиданок ва дигар тадқиқотҳои геологӣ.

21. Ҳадди ақали бонуси обунавӣ барои омӯзиши геологӣ алоҳида барои ҳар як қарордоди басташуда барои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар ҳаҷми зерин муқарар карда мешавад:

а) иктишофи геологӣ дар майдонҳои нафту газ -5000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

б) иктишофи геологии сарватҳои зеризаминӣ маъданӣ -3000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

в) иктишофи геологии сарватҳои зеризаминӣ ғайримаъданӣ, ба ғайр аз корҳо барои сарватҳои зеризаминӣ маъмул, корҳои ҷустуҷӯӣ ва ҷустуҷӯию арзёбӣ -1000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

г) иктишофи геологӣдар объектҳои партовҳои истеҳсолоти маъданҳои фоиданок ва маҳсулоти коркарди онҳо-100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

д) ҷамъоварии ҷинсҳои минералогӣ, палеотологӣ ва кӯҳӣ-50 нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

22. Ҳадди ақали бонуси обунавӣ барои истихроҷи сарватҳои зеризаминӣ алоҳида барои ҳар як қарордоди басташуда барои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар ҳаҷми зерин муқарар карда мешавад:

а) барои истихроҷи нафти хом, конденсати газ ва гази табиӣбо формулаи (С х М) +(Сп х М);

б) барои истихроҷи сарватҳои зеризаминӣ бо формулаи (С х М)+(Сп х М);

в) барои истихроҷи сарватҳои зеризаминӣ маъмул бо формулаи (С х М), вале накамтар аз андозаи 1000- нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

г) барои истихроҷи партовҳои истеҳсолии сарватҳои зеризаминӣ ва маҳсулоти коркарди онҳо бо формулаи (С х М), вале накамтар аз 500- нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

Дар ин банд:

С- арзиши захираҳои маҷмӯии сарватҳои зеризаминӣ аз тарафи Комиссияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба захираҳои табиӣ тасдиқнамуда.

Сп- арзиши захираҳои маҷмӯии сарватҳои зеризаминӣ пешакии аз тарафи Комиссияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба захираҳои табиӣ тасдиқнамуда ё ин, ки дар хулосаи комиссия ба маълумот гирифта шудааст.

М- меъёри бонусҳо.

23. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад оиди конҳои ҷудогонаи сарватҳои зеризаминӣ андозаи баландтари бонуси обунавӣ муқаррар намояд.

24. Ду мӯҳлати пардохти бонуси обунавӣ муайян карда шудааст:

Ба назардошти он, ки ҳаҷми бонуси обунавӣ дар қарордод муайян карда мешавад пардохти аввалин аз ҷониби худи истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ дар ҳаҷми на камтар аз панҷоҳ фоизи камтарине, ки барои бонуси обунавӣ муайян карда шудааст пардохт карда мешавад.

*Мисол; дар мӯҳлати аввал барои иктишофи геологӣ дар майдонҳои нафту газ дар ҳаҷми 2500 – карат нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва барои истихроҷи нафти хом, конденсати газ ва гази табиӣ дар ҳаҷми накамтар аз панҷоҳ фоизи камтарин дар ҳаҷми 2500 – карат нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои конҳои хурд пардохт карда мешавад.*

Ҳаҷми аниқи бонуси обунавӣ дар қарордод муайян карда мешавад, бинобар ин истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ пардохти дуюмро дар ҳаҷми дар қарордод муайян карда шуда бо тарҳи  пардохти аввала муайян намуда маблағи муқарраршударо дар давоми 30 рӯзи тақвимӣ баъд аз санаи эътибор пайдо кардани қарордод дар бораи истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ ба анҷом мерасонад.

25. Бонуси обунавӣ доир ба сарватҳои зеризаминӣ маъмул ва обҳои зеризаминӣ ба буҷети маҳали ҷойгиршавии кон пардохта мешавад.

26. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад оиди конҳои ҷудогонаи сарватҳои зеризаминӣ мӯҳлати дигари пардохти бонуси обунавиро муқаррар намояд.

27. Тибқи мӯҳлати дар қарордод муайяншуда эъломия оиди бонуси обунавӣ аз ҷониби истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ ба мақоми андози ҷойгиршавии кон, пешниҳод карда мешавад.

## §2. Бонуси кашфи тиҷоратӣ, тартиби ҳисоб кардан ва ҳаҷм

28. Кашфи тиҷоратӣ андози устувори яккаратаи истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ буда, дар доираи ҳудуди қарордоди басташуда мувофиқи тартиби муқарраршуда тасдиқ гардидаанд ва барои истихроҷ аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок мебошанд.

29. Дар мавриди соҳиб шудан ба иҷозатномаҳои зерин бонуси кашфи тиҷоратиро истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ пардохт менамоянд:

1) барои истихроҷи сарватҳои зеризаминӣ:

а) барои ҳар як кашфи тиҷоратии сарватҳои зеризаминӣ;

б) барои кашфиёт дар рафти гузаронидани таҳқиқоти иловагии конҳо, ки ба зиёдшавии захираҳои сарватҳои зеризаминӣ, оварда мерасонад;

в) барои ҳар як кашфи тиҷоратии дигар сарватҳои зеризаминӣ;

2) барои таҳқиқот ва истихроҷи якҷоя нисбати ҳар як кашфи тиҷоратии сарватҳои зеризаминӣ дар ҳудуди қарордод, аз он ҷумла барои кашфиёт дар рафти гузаронидани таҳқиқоти иловагии конҳо муайяншуда.

30. Дар ҳолати гирифтани иҷозатномаҳо барои гузаронидани таҳқиқоти конҳои сарватҳои зеризаминӣ, ки истихроҷи минбаъдаи онро пешбинӣ намекунад, бонуси кашфи тиҷоратӣ пардохта намешавад.

31. Пардохтгарони бонуси кашфи тиҷоратӣ истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ мебошанд, ки оид ба кашфи тиҷоратии сарватҳои зеризаминӣдар асоси ичозатнома қарордод бастаанд. Андозаи бонуси кашфи тичорати мувофиқи тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қарордод дарҷ мегардад.

32. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад барои конҳои ҷудогона андозаи баландтари бонуси кашфи тиҷоратӣ муқаррар намояд.

33. Баъд аз гирифтани иҷозатнома барои истихроҷи сарватҳои зеризаминӣ ва тасдиқ намудани ҳаҷми захираҳои иловагии истихроҷшаванда ва ё ҳаҷми захираҳои истихроҷшавандаи сарватҳои зеризаминӣ, аз тарафи макоми ваколатдоршуда, бонуси кашфи тиҷоратӣ ба буҷет дар мӯҳлати на дертар аз 90 рӯз дар маҳалли ҷойгиршавии кон пардохта мешавад.

34. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди дигар намуди сарватҳои зеризаминӣ метавонад мӯҳлати дигари пардохти бонуси кашфи тиҷоратиро муқаррар намояд.

35. Аз ҷониби истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ ба мақоми андози маҳалли ҷойгиршавии кон эъломия оид ба бонуси кашфи тиҷоратӣ дар мӯҳлате, ки барои пардохти бонуси кашфи тиҷоратӣ муқаррар шудааст, пешниҳод карда мешавад.

# 6. РОЯЛТИ БАРОИ ИСТИХРОҶ

36. Истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ доир ба ҳар як намуди сарватҳои зеризаминӣ, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон истихроҷ карда мешаванд, новобаста аз он, ки онҳо ба харидорон таҳвил намудаанд ва ё барои эҳтиёҷоти худӣ истифода гардидаанд, роялтиро пардохт менамоянд.

***Мисол:*** *ҶДММ «Ангишт» аз 10 апрели соли 2012 истихроҷи ангиштро огоз намуд ва дар давоми моҳи апрел 500 тонн ангишт истихроҷ намуд ва аз онҳо 10 тоннаашро барои лозимоти худ истифода бурд. Дар ин давра ангишт фурӯхта нашудааст. Дар ин маврид тамоми хароҷоти воқеии истихроҷи ангишт дар моҳи апрел, ки аз хароҷоти мустақим ва гайримустақим (хароҷоти умумиистеҳсолӣ, нигоҳдории парки автомобилҳо ва гайра) иборат мебошанд, 20000 сомониро ташкил додааст. Барои ҳисоб намудани роялти ҳамчун нархи миёнаи фурӯш арзиши аслии 1 тонна ангишт дар ҳаҷми 40 сомонӣ (20000 / 500) гирифта мешавад.*

*Манбаи андозбандӣ барои роялти 20000 сомони (500х40)қабул мегардад ва андоз тибқи меъёри 4% маблаги 800 сомониро ташкил медиҳад.*

37. Пардохтгарони роялти барои истихроҷ истифодабарандагони сарватҳои зеризаминие мебошанд, ки дар доираи ҳар як иҷозатномаи барои истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ додашуда чунин амалҳоро анҷом медиҳанд:

а) истихроҷи маъданҳои фоиданок аз ҷумла маъданҳои фоиданоказ ташкилаҳои маъдании техногенӣ;

б) коркарди маъданҳои фоиданок, борои аз таркиби онҳо ҳосил кардани қисмати (компонентҳои) фоиданок.

38. Объекти андозбандӣ роялти барои истихроҷ:

а) қитъаи маъданҳои фоиданокба андозсупоранда ҷудошуда барои истихроҷ;

б) баъд аз соҳиб шудани ичозатнома барои аз партовҳои (талафот) корхонаҳои саноатӣ ҳосил намудани маъданҳои фоиданок.

39. Ба ҳар як намуди маҳсулоти тайёр дар алоҳидагӣ барои истихроч объекти андозбандӣ муқаррар карда мешавад.

40. Объекти андозбандӣ барои карбогидридҳо инҳо мебошанд:

а) карбогидридҳои истихроҷшудаи коркарди аввалаoften гузашта, аз ҷумла маъданҳои фоиданокба якдигар монанд ва қисмҳоифоиданоки он;

б) қисмҳои фоиданок, дар вақти коркарди карбогидридҳо ҳосил шудаанду ҳамчун маҳсулоти тайёр ҳангоми истихроҷ дар таркиби маъданҳои фоиданоккоркардшаванда андоз ситонида нашудаанд.

41. Объекти роялти барои истихроҷи ҷисмҳои сахти маъданҳои фоиданокинҳо мебошанд:

а) ҷисмҳои сахти маъданҳои фоиданокистихроҷшуда ва (ё) ҳосилшуда, аз ҷумла аз маъданҳои техногении ҳосилшуда;

б) маъданҳои фоиданокдар ҷараёни коркард ҳосилнамудаи корхонаҳои коркардкунанда.

42. Объекҳои роялти барои истихроҷ инҳо мебошанд:

а) худи маъданҳои фоиданок:

- нафт, гази табиӣ ва конденсати газ;
- ангишт ва варақсанги сӯзанда;
- маъданҳои молӣ;
- обҳои зеризаминӣ, аз ҷумла аз коркарди аввалин гузашта;
- слюда, асбест, ашё барои истеҳсоли маводи сохтмон;
- ашёи хоми ғайримаъданӣ барои металлургия;

б) металлҳои қиматбаҳо ва (ё) металлҳои софи химиявӣ дар қум, маъданҳо, консентратҳо;

в) консентрати металлҳои сиёҳ, ранга, нодир ва радиоактивӣ, ашёи кимиёвии кӯҳӣ;

г) сангҳои қиматбаҳо, ашёи сангҳои ороишӣ ва пйезооптикии аз коркарди якум гузашта;

д) маъданҳои фоиданоки дигар, аз ҷумла ашёи маъдании аз коркарди аввалия гузашта.

***Мисол:*** *ҶСК «Комбинати кӯҳӣ» тибқи қарордод барои истеҳсоли консентрати қӯргошим ва руҳ маъдан истихроҷ менамояд. Дар ин маврид корхона ба мақоми андоз ҳар моҳ доир ба пардохти роялти, ду эъломия пешниҳод менамояд, яъне алоҳида барои истихроҷи маъданҳои қӯргошим ва руҳ.*

43. Ҳаҷми роялти, ҳосили зарби арзиши ҳар як намуди маъданҳои фоиданокистихроҷнамудаи истифодабарандаи қаъри замин дар давраи андоз бо меъёрҳои роялти, ки дар Кодекси андоз омадааст, муайян карда мешавад.

## 7. МАНБАИ АНДОЗБАНДӢ

44. Дар давраи андоз манбаи андози роялти барои истихроҷ ин арзиши таҳвили онҳо, дар мавриди мавҷуд набудани таҳвил, вобаста ба хароҷоти маҳсулоти молии якуми аз истихроҷи аслии маъданҳои фоиданокдар натиҷаи коркарди аввала беназардошти андоз аз арзиши иловашуда муайян карда мешавад.

Барои навъҳои алоҳидаи маъданҳои фоиданокарзиши онхо ҳамчун миқдори маъданҳои фоиданокиистихроҷшуда бо ифодаи аслӣ муайян карда мешавад.

Оиди муайян намудани манбаи андоз доир ба ҳар як намуди маъданҳои фоиданок дар шакли софи химиявӣ, аз ҷумла барои металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, маъданҳои фоиданокмаъмулӣ ва ғайра муайян карда мешавад.

45. Арзиши тилло, нуқра ва платинаи истихроҷкардаи истифодабарандаи маъданҳои фоиданокдар давраи андоз вобаста ба нархи миёнаи чунин металлҳо дар биржаи металлҳои Лондон ва биржаи металлҳои қиматбаҳои Лондон муайян карда мешавад.

46. Арзиши навъҳои алоҳидаи маъданҳои фоиданокимаъмулии истихроҷкардаи истифодабарандаи маъданҳои фоиданокдар давраи андоз аз нархи миёнаи сметавии захираҳои сохтмонии асосӣ, ки аз ҷониби Комиссияи

байниидоравии Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва қабул карда мешавад, муқаррар мегардад.

47. Арзиши маъданҳои фоиданокдар давраи андоз истихроҷкардаи истифодабарандаи маъданҳои фоиданоказ нархи миёнаи таҳвили чунин канданиҳо ё маҳсулоти якуми молии аз маъданҳои фоиданокистихроҷшуда бадастомада вобаста ба нархҳои миёнаи дар биржаи байналхалқӣ (минтақавӣ) дар давраи андоз муайяншудаё тибқи тартиби дигари аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми ваколатдори давлатӣ муқарраршаванда, муайян карда мешавад.

48. Дар давраи андоз маъданҳои фоиданоки истихроҷшударо таҳвил накардани андозсупоранда ва маъданҳои фоиданоки истихроҷшуда ва (ё) маҳсулоти якуми молии аз ин маъданҳои фоиданок ҳосилшударо пурра барои эҳтиёҷоти худ истифода кардани андозсупоранда, арзиши маъданҳои фоиданоки дар давраи андоз истихроҷшуда дар асоси арзиши аслии воқеии истихроҷ (хароҷоти моддӣ, хароҷоти музди меҳнат, маблағҳои ҳисобшудаи истеҳлок, хароҷот барои таъмир, хароҷоти азхудкунии захираҳои табиӣ ва хароҷоти дигар) ва (ё) коркарди аввалия (полоиш, тозакунӣ), ки ба ин маъданҳои фоиданок тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ рост меояд, 20 фоиз зиёдкардашуда, муайян карда мешавад.

***Мисол:*** *Корхонаи «Саркор» барои тахту ҳамвор намудани заминҳои худ хокро истифода мебарад. Хароҷоти мустақими истифодабарии хок (музди меҳнат, фарсудашавии воситаҳои асоси, андози иҷтимоӣ, таъмир, қувваи барқ ва ғайра) дар як моҳ 1500 сомониро ташкил медиҳанд. Хароҷоти ғайримустақим (хароҷоти сехӣ ва умумихоҷагӣ) - 200 сомониро ташкил додаанд. Хароҷоти корхонаи «Саркор» оид ба истихроҷи хок дар ин моҳ ҳамаги 1700 сомониро ташкил додаанд. Барои муайян намудани нархи миёнаи фурӯш барои мақсадҳои андозбандӣ даромаднокии шартии 20% ё 340 сомонӣ (1700 х 20%) қабул карда мешавад. Манбаи андозбандӣ барои роялти 2040 сомонӣ (1700 + 340)қабул мегардад ва андоз тибқи меъёри 6% мабалағи 122,4 сомониро ташкил медиҳад.*

49. Нархи миёнаи таҳвил, маънои маблағи миёнаи нархи фурӯши воҳиди маҳсулоти молӣ дар давоми давраи андозро дорад.

***Мисол:*** *Дар давоми моҳи июли соли 2012 корхонаи «Вафо» 200,0 тонна шебен истеҳсол намуд ва онҳоро бо нархҳои зерин бе назардошти ААИ таҳвил намуд:*

*Сомонӣ*

| *Сана* | *Миқдор(тонна)* | *Нарх* | *Маблағ* |
|---|---|---|---|
| *3 июл* | *20,0* | *50,0* | *1000,0* |
| *7 июл* | *25,0* | *55,0* | *1375,0* |
| *10 июл* | *60,0* | *60,0* | *3600,0* |
| *25 июл* | *50,0* | *61,0* | *3050,0* |
| *Ҳамагӣ:* | *155,0* | *-* | *9025,0* |

*Нархи миёнаи таҳвил барои моҳи июл 58,2 (9025,0 / 155,0) сомониро ташкил медиҳад. Ҳол он ки нархи миёнаи арифметикии фурӯш 56,5 ((50,0 + 55,0 + 60,0 + 61,0) / 4) сомониро ташкил медиҳад. Барои мақсадҳои ҳисоб намудани ӯҳдадориҳои андоз корхонаи «Вафо» барои моҳи июли соли 2012 нархи миёнаи таҳвил - 58,2 сомониро нисбати ҳаҷми шебени истихроҷшуда 200,0 тонна истифода барад. Ҳамин тариқ маблағи роялти, дар мавриди дар қарордод 10 фоиз муқаррар будани меъёр, барои моҳи июли соли 2012 маблағи 1164 сомониро ((200 х 58,2) х 10%) ташкил медиҳад.*

50. Сангҳои қиматбаҳои истихроҷшуда вобаста ба баҳодиҳии ибтидоии онҳо арзишашон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо анҷом дода мешавад.

51. Дар вақти истихроҷи якчанд намуди маъданҳои фоиданок нисбати ҳар як намуди маъданҳои фоиданок роялти барои истихроҷ ҳисоб ва пардохт карда мешавад.

***Мисол:*** *ҶДММ «Скиф» барои истихроҷи гилхок ва истихроҷи қуму шағал соҳиби иҷозатнома гардидааст, ҷамъият вазифадор аст, ба Нозироти андози дахлдор дар алоҳидаги ҳисобот пешниҳод намуда, роялтиро бо меъёри дахлдор пардохтнамояд.*

## 8. ТАРТИБИ МУҚАРРАР НАМУДАН ВА ПАРДОХТАНИ РОЯЛТИ БАРОИ ИСТИХРОҶ ДАР ШАКЛИ АСЛӢ (НАТУРАЛӢ)

52. Созишномаи иловагии басташуда байни истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ ва мақомоти салоҳиятдор бо мувофиқаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохти роялтиро барои истихроҷ метавонад дар шакли аслӣ (натуралӣ) пешбини намояд. Маблағи шакли натуралӣ пардохти роялти барои истихроҷ ба шакли пулии пардохт бояд баробар бошад.

53. Дар созишномаи иловагӣ ҳатман бояд маълумотҳои зерин нишон дода шаванд:

а) аз тарафи давлат ваколатдоре, ки қисми маҳсулоти бароялти мувофикро қабул менамояд;

б) ҳаҷм ва нархи маъданҳои фоиданокисупоридашаванда;

в) нуқтаи қабул ва шартҳои таҳвилимаъданҳои фоиданок.

54. Мӯҳлати супоридани маҳсулот ба ҳисоби роялти барои истихроҷдар созишномаи иловагӣ бояд ба мӯҳлати мӯкарраршудаи пардохти он дар шакли пулӣ мувофиқат намояд. Дар ин ҳолат истифодабарандаи маъданҳои фоиданокдар мӯҳлати на дертар аз мӯҳлати пардохти шакли пулии роялти барои истихроҷ маҳсулотро ба қабулкунанда, ки дар қарордоди истифодаи маъданҳои фоиданок муқаррар шудааст, месупорад.

55. Дар мӯҳлати муқарраршуда қабулкунанда дар шакли пули маблағи баробари роялти барои истихроҷро ба буҷет мегузаронад, ва мустақилона супоридани ҳаҷми дахлдори маҳсулотро дар шакли натуралӣ назорат менамояд.

56. Тибқи шакл ва тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ истифодабарандаи маъданҳои фоиданоква қабулкунанда ба мақоми андози дахлдор оид ба супоридани роялти барои истихроҷ дар шакли аслӣ дар мӯҳлати муайяншуда ҳисобот медиҳад. Инчунин қабулкунанда барои вайрон кардани мӯҳлати пардохти роялти барои истихроҷ ва маҳсулоти қабулнамудааш мутобиқи қонун ҷавобгӯ мебошад.

## 9. ТАРТИБИ ПАРДОХТИ РОЯЛТИ БАРОИ ИСТИХРОҶ

57. Давраи андоз оид ба муайян ва пардох кардани роялти барои истихроҷ моҳи тақвимӣ буда эъломия андоз ба мақоми андози маҳалли ҷойгиршавии кон то санаи 15 моҳи минбаъдаи давраи ҳисоботӣ пешниҳод менамояд ва пардохти роялти барои истихроҷ дар мӯҳлати на дертар аз рӯзи 15-уми моҳи минбаъдаи давраи ҳисоботӣ ба анҷом расонида мешавад.

## 10. ТАРТИБИ ДАР МУҲОСИБОТИ БУХГАЛТЕРӢ ДАРҶ НАМУДАНИ АМАЛИЁТҲО ОИД БА ҲИСОБ ВА ПАРДОХТ НАМУДАНИ РОЯЛТИ

58. Ҳангоми ҳисоб намудани роялти амалиёт дар муҳосиботи бухгалтерӣ чунин дарҷ мегардад:
Дебети ҳисоби 20 «Истехсолоти асосӣ» - Кредити ҳисоби № 68 «Ҳисоббаробаркунӣ бо буҷет».

Тибқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ:

Дебети ҳисоби № 55000 «Арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда» – Кредити ҳисоби № 22300 «Андозҳо барои пардохт».

59. Ҳангоми пардохт намудани роялти амалиёт дар муҳосиботи бухгалтерӣ чунин дарҷ мегардад:

Дебети ҳисоби № 68 «Ҳисоббаробаркунӣ бо буҷет»- Кредити ҳисоби № 51 «Ҳисоби ҳисоббаробаркунӣ» ё № 50 «Хазина».

Тибқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ:

Дебети ҳисоби № 22300 «Андозҳо барои пардохт» – Кредити ҳисоби № 10200 «Воситаҳои пулӣ дар бонк» ё № 10100 «Воситаҳои пулӣ дар хазина».

## 11. РОЯЛТИ БАРОИ ОБ

60. Супорандагони роялти барои об шахсоне мебошанд, ки обро барои истеҳсоли нерӯи барқ истифода мебаранд.

61. Истифодаи объектҳои обӣ бо мақсадҳои истеҳсоли нерӯи барқ объекти андозбандироялти барои об ба ҳисоб рафта, миқдори дар давраи ҳисоботӣ истеҳсолшудаи нерӯи барқ бе талафот ҳисоб карда мешавад ва манбаи андоз барои ҳар як объект ҷудогона муайян карда мешавад.

62. Аз пардохти роялти барои об он объектҳое озод карда мешавад, кииқтидори объектҳои нерӯистеҳсолкунанда аз 1000 киловатт бештар набошад.
Доир ба роялти барои об давраи андоз моҳи тақвимӣ эътироф мешавад.

63. Меъёри роялти барои об ба андозаи 0,06 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои ҳар 1000 киловатт/соат нерӯи барқи истеҳсолшуда ба ҳолати охири давраи андоз муқаррар карда мешавад.

64. Маблағи роялти барои об ҳамчун ҳосили зарби манбаи андоз ба меъёри андоз ҳисоб карда шуда то 15 моҳи баъди давраи андоз пароҳт карда мешавад.

***Мисол:*** *иқтидори объектҳои неруистеҳсолкунандаи корхонаи «А» 25 млн. киловатро ташкил менамояд. Дар моҳи июли соли 2013 корхонаи «А» 10 млн киловатт/соат нерӯи барқ истеҳсол намудааст.*

*Меъёри роялтибарои об дар моҳи июли соли 2013-ум 2,40 ((40 сомонӣ-нишондиҳанда барои ҳисобҳо) х(0,06- меъёри роялти барои истифодаи объектҳои обӣ, барои ҳар ҳазор киловатт/соат нерӯи барқи истеҳсолшуда)) сомониро ташкил менамояд.*

*Маблаги роялти барои об ба буҷет аз рӯи мӯҳлати 15 августи соли 2013 пардохташаванда 24 ҳазор сомониро (10 млн.к/с:1000=10 ҳазор х2,40с) ташкил медиҳад.*

## 12. МУҚУРРАРОТИ МАЪМУРӢ

65. Эъломия оид ба андозҳо барои захираҳои табиӣ (замимаи 1, шакли 05.01) то санаи 15–уми моҳе, ки баъд аз давраи ҳисоботии андоз фаро мерасад, пешниҳод карда мешавад ва дар ҳамин мӯҳлат андози ҳисобшуда пардохт карда мешавад.

66. Эъломияи (ҳисоби) бонуси обунавӣ (шакли 05.02) ба мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии кон дар мӯҳлатҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

а) барои пардохти панҷоҳ фоизи маблағи муқарраршуда дар давоми 30 рӯзи тақвимӣ аз санаи додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқ барои истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ;

б) барои пардохти панҷоҳ фоизи маблағи муқарраршудаи боқимонда на дертар аз 30рӯзи тақвимӣ аз санаи эътибор пайдо кардани қарордод дар бораи истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ.

67. Эъломияи (ҳисоби) бонуси кашфи тиҷоратӣ (шакли 05.03) ба мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии кон дар мӯҳлати, на дертар аз 90 рӯз аз санаи додани иҷозатнома (иҷозат) барои истихроҷи маъданҳои фоиданок ё аз рӯзи аз ҷониби мақоми давлатии барои ин мақсадҳо ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудани ҳаҷми захираҳои маъданҳои фоиданоки ба таври иловагӣ истихроҷшаванда ё аз санаи аз ҷониби мақоми давлатии мазкур тасдиқ намудани ҳаҷми захираҳои истихроҷшавандаи маъданҳои фоиданок, пешниҳод карда мешавад.

68. Эъломияи (ҳисоби) роялти барои истихроҷ (шакли 05.04) ба мақомоти андози маҳалли баҳисобгирии он то санаи 15–уми моҳе, ки баъд аз давраи ҳисоботии андоз фаро мерасад, пешниҳод карда мешавад ва дар ҳамин мӯҳлат андози ҳисобшуда пардохт карда мешавад.

69. Эъломияи роялти барои об (шакли 05.05) ба мақомоти андози маҳалли баҳисобгирии он то санаи 15–уми моҳе, ки баъд аз давраи андоз фаро мерасад, пешниҳод карда мешавад ва дар ҳамин мӯҳлат андози ҳисобшуда пардохт карда мешавад.

## 13. ҶАВОБГАРӢ ВА НАЗОРАТ БАРОИ ПАРДОХТИ АНДОЗҲО БАРОИ ЗАХИРАХОИ ТАБИИ

70. Андозсупорандагон, намояндагон ва шахсони мансабдор, инчунин кормандони мақомоти андоз барои нокифоя иҷро намудани талаботи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Кодекси андоз ва дигар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

71. Мақомоти андоз барои иҷрои назорати андоз нисбати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ доир ба ҳисоби дуруст ва пардохти саривақтии андозҳо ва дигар ҷанбаҳои андозбандӣ ва ҷамъоварии андозҳо ҷавобгарии пурра ва истисноӣ доранд.